# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи X1X – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Баррасии масоили адабиётшиносӣ ва танқидии адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX аз тадбирҳои муҳимтарини илми адабиётшиносии тоҷикӣ аст, ки ба шинохти воқеияти ҷолибу норавшан мусоидат мекунад.

Дар фишурдаи диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович таҳти унвони «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи X1X – нимаи аввали садаи XX» моҳияту арзиши адабиёти форсии тоҷикии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, ки онро муҳаққиқони таърихи адабиёт яке аз марҳалаҳои муҳим шинохтаанд, баррасӣ ва ҳаллу фасл шудааст. Таҳқиқи бархе зуҳурот ва нишонаҳои афкори сухансанҷии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар ду шароити сиёсиву иҷтимоӣ дар давраи шуравӣ ва Истиқлоли миллӣ сурат гирифта, он барои дарки моҳияти нисбатан васеъи адабиёт ва заминаву омилҳои ҷараёни афкори адабӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқ ба шинохти хусусиятҳои накд ва афкори сухансанҷӣ вобаста ба таҳқиқи тазкираҳо дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва таъйини ҷойгоҳи интиқодии андешаҳои мусаннифони онҳо, хусусиятҳои накди адабии ин ду давра ба василаи таҳқиқи таърихномаҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, моҳияти танқид ва ҷойгоҳи он дар матбуоти навпайдои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна ва нашрияҳои нави давраи шуравӣ, масъалаҳои накду адабиётшиносӣ дар силсилаи асарҳо оид ба шахсиятҳои пажуҳандаи он замон диққат додааст.

Чунон бармеояд, ки ҳадафи асосии ин диссератсия пажуҳиши таърих ва назарияи накди адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар заминаи омӯзиши васеи асарҳои адабӣ, илмӣ, таърихӣ ва матбуотии давраи маорифпарвариву ҷадидӣ ва ҳамзамон беш аз сӣ соли давраи шуравӣ мебошад.

Дар ин пажуҳиш ба муайян кардани заминаҳои аслии шакл гирифтани накди адабӣ ва назари интиқодии адибони равшангар дар маҷрои умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ; моҳияту равиши таҳқиқ ва накди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба сарчашмаҳои ин давра; масъалаи бозшиносӣ ва муаммои нашри манобеъи адабиву интиқодии ибтидои садаи XIX – ибтидои садаи XX; вежагиҳои ду марҳалаи муҳимми афкори адабӣ ва сухансанҷии навини тоҷик – марҳалаи то инқилобӣ ва баъди инқилоб; арзёбии ҷамъи тазкираҳо ва накши онҳо дар шаклгирии накди навини тоҷикӣ; ҷойгоҳи афкори наққодӣ дар маҳфилҳои адабӣ; вежагиҳои накд дар мисоли кӯшишҳои офаридани китобҳои таърихи

адабиёт дар давраи навин; ҷойгоҳи накди адабӣ дар аввалин таърихи адабиёти замони нав таваҷҷуҳ шудааст.

Аз мутолиаи бахши муқаддима, тавсифи умумӣ ва қисмати асосии таҳқиқ ва ҳамзамон хулосаҳо бармеояд, ки масъалаҳо дар ин кор бисёр васеъ ва ба таври густурда баррасӣ шудаанд. Дар маҷмуъ худи диссертатсия дар 4 боб (16 фаслу 5 зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

Дар боби аввал аз «Заминаҳои шинохти афкори сухансанҷии навини тоҷик» сухан рафта, дар фасли аввали он масъалаи таҳқиқ ва накди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ба таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ зимни бозгӯи масъалаҳои умдатарини таърихи адабиёт ва накди адабӣ ҳаллу фасли муаммои даврабандиро муҳим ба шумор оварда ва онро ба накди давраи равшангарӣ, ки аз замони зиндагиву фаъолияти Аҳмади Дониш оғоз шуда, то маҳкум шудани ҷадидон дар давраи шуравӣ мерасад ва накди давраи шуравӣ, ки ба ду марҳала ҷудо мешавад, дастабандӣ кардааст.

Дар фасли дувуми боби аввали он «Сарчашмаҳои накди адабии давраи равшангарӣ» масъалаҳои арзишманди илмӣ ба миён гузошта шудаанд.

Боби дувум манзараи куллии «Вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX»-ро дар бар мегирад ва матлабҳо дар он дар 5 фаслу 5 зерфасл дараҷабандӣ ва натиҷаву хулосаҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд.

Дар фасли аввали он ба масъалаи «таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ» таваҷҷуҳ шуда, доварӣ дар ин замина муаллифро ба баёни матлабҳои зиёде водоштааст. Яке аз вазифаҳои муҳим дар ин замина дарёфт, нашр ва дастраси аҳли таҳқиқ кардани ин манбаъҳо мебошад, ки аксари онҳо дар давраи шуравӣ аз назари эътибор дур монда ва ё арзиши онҳо манфӣ арзёбӣ шуда буданд.

Фасли дувум «Саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ» ном дорад ва дар он аз мазмуну моҳияти афкори давраи нави накди адабӣ – давраи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сухан меравад.

Дар фасли «Маҳфилҳои сухан ва анъанаи накди адабӣ» маҳофили адабӣ ба сифати анҷумани эҷодии адибони ҳамфикр, иттиҳоди эҷодии адабӣ дар заминаи ягонагӣ ва ваҳдати диду андеша, шавқу рағбат ва тамоюли вежаи эҷодӣ, маркази парвариши насли сухан дар дарозои таърихи гузаштаи адабӣ сухан рафта, диссертатсияти матлубу омӯзандаи онҳо бозгӯ шуданд.

Ҳамин тавр, дарривоҷу равнақи бештари кори маҳофили адабӣ таваҷҷуҳ ба таърихияти маҳфилҳо, баҳрамандӣ аз бархе ойину русум ва таълимоти аъзои он муҳимму муфид хоҳад буд. Вусъати доираи баҳсу мунозира оид ба сухансанҷӣ ба такмили афкори ҳамзамонон судманд ва таконбахш мебошад.

Дар панҷ зерфасли фасли чаҳоруми боби дувум «Тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон» ин навъ асарҳо ба сифати манбаъи ҷомеъи омӯзиши афкори интиқодӣ баррасӣ гардида, дар он аз қимати сухан, меъёри баҳои шеъру шоирӣ, манбаъҳои интиқодии тазкираи устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», диди интиқодӣ дар ин асар ва ҷойгоҳи номбурда дар накди сиёсӣ-иҷтимоӣ сухан рафтааст.

Фасли дигар «Вежагиҳои нақди адабӣ ва зуҳури аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик» унвон дошта ва дар он ба мушкилу муаммоҳои адабиётшиносӣ дар охири солҳои 30-ум ва 40-уми садаи XX ва асосҳои иҷтимоии нақд дар ин давра дахл шудааст. Дар ин бахш, вежагиҳои таҳқиқу нақд ва офариниши таърихи адабиёти навини тоҷик мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст.

Муаллиф ба он аст, ки таҳқиқи нисбатан васеъи илмии таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX ба унвони «адабиёти шуравии тоҷик» аз нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи XX оғоз ёфта, дар китоби дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» навъе ҷамъбаст гардидааст. То ин вақт кӯшиши ба таври илмӣ офаридани таърихи адабиёт аз ҷониби олимони тоҷик ба чашм намерасад.

Боби севум «Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали садаи XX» аз фаслҳои «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ниёзҳои нави шинохти адабиёт», «Абулқосим Фирдавсӣ аз диди сухансанҷони замони нав» дар мисоли фирдавсишиносӣ ва ҷусторҳои устод Абулқосим Лоҳутӣ фароҳам омада, ҳамчунин дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ оид ба зиндагиву осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Камоли Хуҷандӣ баррасӣ шудаанд.

Дар фасли аввал пояҳои рӯдакишиносии замони нав дар солҳои 20-уми садаи XX ҳадафи гуфтугӯ қарор гирифтааст.

Дар фасли дувум ба ин нукта ишора шудааст, ки мавзуи ҷойгоҳи Ҳаким Аблуқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, бозгӯйи таърихчаи таҳқиқи рӯзгор ва мақоми барозандаи ин шоҳасари гаронмояи миллӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, масъалаҳои нақду тасҳеҳи ҳамосаи бузурги тоҷикон ҳанӯз аз солҳои 20-уми садаи XX дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии навини тоҷик, рисола ва мақолаҳои матбуотӣ аз ҷониби алоқамандон, донишмандон ва ходимони матбуоти замон гуфтугӯ шудааст.

Дар фасли севуми боби севум аз таваҷҷуҳи ҳамватанони Носири Хусрав ва эҳсоси амиқи шинохти ӯ сухан оғоз шуда ва, ба ин васила, махсусияти як давраи нави фарорафти таҳқиқу баррасӣ ва нашри осори ин шахсияти илму адабиёт ба миён омада ва дар ин роҳ натиҷаҳои дилхоҳ ва матлуб ба даст омадаанд. Шинохти падидаи Камоли Хуҷандӣ дар Тоҷикистон дар идомаи фасли ин боб ҳам бисёр нуктаҳоро бозмекушояд.

Боби чаҳорум «Ноқидони адабиёт ва давраи нави нақди адабӣ» ном дошта, дар фаслҳои он масъалаҳои таърихи адабиёт ва нақди адабӣ дар ҷусторҳои С. Улуғзода, ҷойгоҳи ҷусторҳои интиқодии Ҷ. Икромӣ ва интиқоди ноқидон аз ӯ, М. Турсунзода ва сиёсати адабии то нимаи аввали садаи XX, Т. Зеҳнӣ ва сухансанҷии навини тоҷик, Р. Ҳошим – адабиётшинос ва ноқиди фаъоли сухан мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар 15 банд бо хулоса ва натиҷагириҳои дақиқу илмӣ манзур шудааст.

Дар диссертатсия баъзан норасоиву камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Зимни тавсифи дарачаи омӯхта шудани мавзуъ, вақте ки муаллиф ба осори муҳаққиқони ин мавзуъ ишора мекунад, дар баъзе маворид ба ғайр аз шумораи адабиёт, бояд саҳифаҳо низ мушаххас нишон дода шаванд.

2. Баъзе иқтибосҳо дар зерматни бобҳо сарчашма дода нашудааст асл Аз китоби А. Маҳмадаминов иқтибос оварда шудааст, аммо ишора ба сарчашма дода нашудааст (саҳ. 21).

Дар саҳ. 34-ум аз мақолаи Валӣ Самад дар бораи маҷаллаи «Мулло Насриддин» ишора ба манбаъ дода нашудааст.

Ин камбуду норасоиҳо ба арзиши умумии кор халал намерасонанд. Дар маҷмуъ, кори анҷомдодаи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардида, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи журналистикаи
ватанӣ ва байналмилалии
Муассисаи таҳсилоти байнидавлатии
таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон»
Абдуллозода Масрур Аҳмад

ш. Душанбе, 734025
кӯчаи. М. Турсунзода, 30
телефони корӣ: 44 620-42-13
телефони мобилӣ: 988068601
почтаи электронӣ: masrur_a@mail.ru

Имзои профессор М.А. Абдуллозодаро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ
Раҳимов А.А.

«24» майи соли 2024